ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Қодирзода Хушбахти Сафар дар мавзуи «Инъикоси таърихи империяи Ҳахоманишиён дар осори муҳаққиқон (нимаи дувуми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.

Дар замони истиқлоли давлатӣ ва ин марҳалаи бисёр муҳимми давлатсозӣ ру овардан ба таърихи давлатдории аҷдодонамон воқеъан саривақтӣ ва муҳим мебошад. Имрӯз тачрибаи давлатдории тоҷикон на танҳо, таваҷҷуҳи муҳаққиқони ватанӣ, балки донишмандону пажӯҳишгарони зиёди хориҷиро ҷалб намудааст. Муҳаққиқону донишмандони сатҳи ҷаҳонӣ роҷеъ ба ин марҳалаи қудрати аҷдоди тоҷикон назари хешро иброз намуда, аз шакл ва сохти мукаммалу муназзами давлатдории шоҳони империяи Ҳахоманишӣ хабар додаанд. Воқеан, империяи Ҳахоманишиён яке аз нахустин империяҳо дар ҳаёти инсоният буд. Омӯзиши корномаи бузурги Куруш ва Доро имкон медиҳад, ки насли кунунӣ дар руҳияи баланди миллӣ ба камол расида, бо пайравӣ аз чунин ашхос ва шоҳони тавонманд баҳри ҳифзи Ватан ҳамеша омода бошанд. Муҳимияти ташхису таҳлил ва баррасии осори муҳаққиқон дар робита ба империяи Ҳахоманишиён дар он зоҳир мегардад, ки андешаи варзидатарин донишмандон бо истифода аз далелҳои таърихӣ ба саҳифаҳои норавшани таърих рушанӣ хоҳанд андохт. Дар доираи сабки таърихнигорӣ баррасӣ намудани масоили баҳсталаби таърихи империяи Ҳахоманишиён метавонад назари ҳар як муҳаққиқро дар қиёс ба сарчашмаҳои таърихӣ муайян намояд. Дар ҳамин ҳошия диссертатсияи Қодирзода Хушбахти Сафар дар мавзуи «Инъикоси таърихи империяи Ҳахоманишиён дар осори муҳаққиқон (нимаи дувуми асри XX – ибтидои асри XXI)», муҳимият пайдо менамояд.

Қодирзода дар банди “**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**” қайд менамояд, ки роҷеъ ба мавзуи таърихнигории империяи Ҳахоманишиён то имрӯз таҳқиқоти махсуси илмӣ сурат нагирифтааст. Аммо,

таҳқиқотҳои анҷомёфтаи муҳаққиқони хориҷӣ ва ватаниро дар хусуси таърихи ин марҳалаи муҳимми давлатдории аҳди бостонии аҷдоди тоҷикон, табақабандӣ менамояд.

Диссертатсияи Қодирзода дар доираи **барномаи дурнамои корҳои илмиву таҳқиқотии** кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар диссертатсияи Қодирзода Хушбахти Сафар дар он зоҳир мегардад, ки моҳиятан омӯзиши масоили мубрами таърихи империяи Ҳахоманишиён ва инъикоси он дар асарҳои муҳаққиқон аз ҷиҳати илмӣ аввалин маротиба мавриди омӯзиш қарор гирифта, афзалияти он дар таҳлили осори бунёдӣ ва қиёси он ба сарчашмаҳои таърихӣ зоҳир мегардад. Инчунин назари муҳаққиқон дар муносибат ба шахсият ва корномаи давлатмарди бузурги ориёӣ – Куруши Кабир ташхису баррасӣ гардида, аз нуқтаи назари таърихнигорӣ низоми идорӣ ва баъзе аз вижагиҳои сиёсати хориҷии империяи Ҳахоманишиён мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро маълумоти дақиқу муътамади сарчашмаҳои таърихӣ, маводди таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои асосии таҳқиқот, ташкил медиҳад. Хулосаи диссертатсия дар 6 банди мукаммал оварда шуда, ба сифати тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ 6 таклиф манзур гардидааст.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Муҳтавои асосии диссертатсия 7 мақолаи чопии довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷмуаҳо ва дигар васоити илмию таълимӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд ва пурра натиҷаҳои диссертатсияро фаро мегиранд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 176 сахифаи компютерӣ таълиф шуда, аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда (234 номгӯй) иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи коркарди илмии мавзӯ, мақсад ва вазифаҳо, объекту предмет, марҳала, макон ва давраи таҳқиқот, пойгоҳи иттилоотӣ, озмоишӣ, сарчашмашиносӣ, чорчубаҳои хронологиву ҷуғрофӣ, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, асоси назариявӣ ва методологӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

Боби аввал **"Раванди таъсиси империяи Ҳахоманишиён ва бозтоби он дар осори муҳақиқон"** аз ду зербоб иборат буда, масоили назарию методологии омӯзиши таърихи империяи Ҳахоманишиён, дидгоҳи муҳақиқон роҷеъ ба шахсияти Куруши Кабир ва таъсиси империяи Ҳахоманишиёнро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Дар навбати аввал дар диссертатсия аз аҳамияи хоссаи сарчашмаҳое, ки бо забонҳои порсии қадим, ошурӣ, оромӣ, эломӣ, бобилӣ, юнонӣ, румӣ, арманӣ ва ғ. нигошта шудаанд ишора мешавад. Аз назари муаллифи диссертатсия таҳқиқоти муҳақиқони ватанӣ ва хориҷӣ арзиши баланд дошта, осори онҳо ба ҷанбаҳои мухталифи таърихи рушду такомули империяи Ҳахоманишиён ва сохтору ниҳодҳои марказӣ ва маҳаллии он бахшида шудаанд. Дар ин боб номи муаррихони зиёди ватаниву хориҷӣ ва осор ва ақидаи ҳар яки онҳо оварда мешавад. Диссертант менависад, ки дар миёни тамоми муҳақиқони хориҷӣ ҷойгоҳи осори илмии муҳақиқи таърихи аҳди бостони тоҷик М.А.Дандамаев роҷеъ ба империяи Ҳахоманишиён барҷаста мешуморанд. Дар меҳвари диққати ӯ раванди ташаккули империя, махсусан хадамоти асосгузори он Куруши Кабир, сиёсати кишваркушоии шоҳони ҳахоманишӣ, низоми идорӣ ва авзои дохили

дарбори шоҳаншоҳӣ қарор гирифтааст (Саҳ.21) Қайд мегардад, ки муҳаққиқо̒ни аврупоӣ нахустин шуда, роҷеъ ба таърихи империяи Ҳахоманишиён пажӯҳиши мукаммалу мушаххасе анҷом дода, дар ин радиф ҷойгоҳи таъриху тамаддуни Ҳахоманиширо дар таърихи башар, тавассути овардани мисолу мадракҳо нишон додаанд. Дар раванди омӯзиш ва таҳлили мавзуъ, аз назари таърихнигорӣ осори муҳаққиқони аврупоӣ, амрикоӣ, шуравӣ, эронӣ ва ватанӣ истифода шудаанд. Дар боб инчунин шахсият ва корномаи Куруши Кабир ба унвони бунёдгузори нахустин империя бар пояи тамаддун ва адолат баррасӣ мегардад. Муаллиф дар ин хусус назари илмӣ ва шахсии хешро иброз намудааст, ки қобили дастгирӣ мебошад.

Боби дуюм **“Низоми идорӣ ва вазъи сиёсии империяи Ҳахоманишиён дар таҳқиқоти муҳаққиқон”** зербобҳои низоми идории империяи Ҳахоманишиён дар таҳқиқоти муҳаққиқон, инъикоси сиёсати хориҷӣ ва кишваркушоии шохони ҳашоманишӣ дар осори муҳақиқонро дар бар мегирад. Дар ин боби диссертатсия қайд мегардад, ки яке аз масъалаҳои мубрами таърихи давлатдории аҳди бостони халқи тоҷик, ки диққати аксар муҳаққиқонро ҷалб намудааст, низоми идории империяи Ҳахоманишиён мебошад. Дар ин боб минбаъд дар бораи меросӣ будани мансаби шоҳ, мутлақ будани шоҳаншоҳӣ, дар бораи сатрапияҳо, дар хусуси таҳаввулоти зиёди маъмурӣ ва низомии аҳди Ҳахоманишиён, артиши мукаммали империя, сиёсати хориҷӣ ва кишваршушоии шоҳони ҳахоманишӣ дар осори муҳакиқон мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Ҳамин тавр, дар асоси баррасии манбаъҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки шоҳони ҳахоманишӣ шуру аз Куруши Кабир низоми хоссаи идораи давлатиро ҷорӣ намуданд, ки бо муназзамӣ ва устувории худ дар дунёи қадим ҳамто надошт. Маҳз ҳамин низоми давлатдорӣ сабаб шуд, ки доираи сиёсати шоҳон густариш ёфта, дар се қитъаи олам қавми ориёӣ парчами худро парафшон

намояд. Яке аз вижагиҳои низоми эҷоднамудани онҳо дар он ифода меёфт, ки баъзе арзишҳои давлати дунявӣ ва демократӣ ташаккул ёфта буд. Бо ақидаи муаллиф, аксари муҳақиқони аҳди бостон сиёсати хориҷии шоҳони хахоманиширо дар муносибат ба дигар халқҳо мусбӣ арзёбӣ намуда, онро яке аз нахустин империяҳои мутамаддин дар таърихи башар номидаанд.

Боби сеюм **“Инъикоси вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии империяи Ҳахоманишиён дар осори муҳақиқон”** дар бораи вазъи иқтисодиву иҷтимоии империяи Ҳахоманишиён аз нигоҳи муҳақиқон, бозтоби фарҳанги замони Ҳахоманишиён дар осори муҳакиқон иттилои муҳим пешкаш менамояд. Дар он баъзе аз масъалаҳои мубрами иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии шоҳаншоҳии Ҳахоманишӣ баррасӣ мешавад. Дар робита ба ин осори зиёди муҳаққиқону донишмандон ва манбаъҳои таърихӣ таҳлилу баррасӣ шудааст. Ҳамчунин, таъкид мешавад, ки сиёсати муваффақи хориҷии Ҳахоманишиён заминаи гуфтугӯи тамаддун ва фарҳангҳоро ба миён овард. Он заминаи ташаккул ва рушди роҳи бузургеро гузошт, ки фарҳанги Шарқу Ғарбро ба ҳам васл мекард.

Хулосаи диссертатсяи дар маҷмуъ аз 6 банд иборат буда, натиҷаи таҳқиқи масъалаҳои фарогир, яъне бобу зербобҳо мебошад, ки назари муаллифро инъикос менамоянд. Хулоса ва пешниҳодҳои муҳаққиқ дар ин хусус аз дарки дурусти масъала ва самаранок истифода намудани усулҳои таҳқиқоти илмӣ хабар медиҳад.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои илмии бадастомада метавонанд барои рушди таърихнигорӣ дар Тоҷикистон мусоидат намуда, маводи диссертатасия зимни қироати курсҳои лексионӣ, курсҳои махсус, тартиб додани воситаҳои таълимӣ оид ба таърихнигорӣ ва таърихи халқи тоҷик дар мактабҳои олии мамлакат истифода гардад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи банди 29, 30, 31, 33 ва 34-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, № 591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбӯдиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1.Сараввал дар хусуси унвони диссертатсия. Дар унвон омадааст: “Инъикоси таърихи империяи Ҳахоманишиён дар осори муҳақиқони (нимаи дувуми асри XX-ибтидои асри XX1)”. Баъди “империяи Ҳахоманишиён” бояд санаи (550-320) нишон дода мешуд. Зеро дар банди “чорчӯбаи хронологии таҳқиқот “Нимаи дувуми асри У1 ва нимаи асри 1У то милод, яъне замони ҳукмронии Ҳахоманишиён (550-320) омадааст.

2. Дар саҳифаи 17 бандҳои “Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия” ва “Интишорот аз рӯи мавзӯи диссертатсия” маълумотҳо такрор омадаанд.

3. Муҳаққиқро зарур буд, ки дар хусуси муҳоҷирати қавмҳои ориёӣ ба Эрони имрӯза, махсусан аҷдоди сулолаи Ҳахоманишиён аз Осиёи Марказӣ каме фарохтар маълумот пешниҳод мекард.

4. Бояд қайд кард, ки якнавозӣ дар вожаву калимаҳо барои диссертатсия хеле муҳим аст. Масалан, дар диссертатсия баъзан “рисола” баъзан “диссертатсия”, “Доро”, “Дориюш”ва ғ омадаанд, бахусус, номи “Бобил” ва “Бобул”. Дар аксари асарҳо ин кишвар “Бобул” ёд мешавад. Дар диссертатсияи мазкур сабаби “Бобил” ном гирифтани “Бобул” шарҳ дода нашудааст.

4. Ҳамчунин, дар матни диссертатсия хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад. Дар руйхати адабиёт, тасвири библиографии баъзе адабиётҳо номукаммаланд. Ислоҳи ин камбудиҳо зарур ва аз манфиат холӣ нестанд.

Аммо, эродҳо ва камбудиҳои мазкур, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияро коста намекунад ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонад.

Дар маҷмуъ, диссертатсяи Қодирзода Хушбахти Сафар дар мавзуи «Инъикоси таърихи империяи Ҳахоманишиён дар осори муҳаққиқон (нимаи дувуми асри XX – ибтидои асри XXI)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 29, 30, 31, 33 ва 34-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, № 591 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърихи умумӣ ва ватании
Донишгоҳи Славянии Россия
ва Тоҷикистон Муҳидинов С.Р.
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Нусратулло Махсум 89/1 хонаи 5
Тел.: (+992) 93 521 92 74
E-mail: raja1956@mail.ru

Имзои С.Р. Муҳидиновро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ Боровицкая Л.А.
29.10.2026

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи М. Турсунзода 30.
Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон
Телефон: (+992-37) 221-35-50;
E-mail: rtsu.tj